ШАРТНОМАИ №__
дар асоси Протоколи №527909 аз 29.10.2024 тартиб дода шудааст

Муассисаи давлатии "Раёсати корҳои сохтмону таъмир ва хизматрасониҳо"-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Фармоишгар) дар шахсияти Директори МД РКСТХ Муқумов О.Х, ки дар асоси Низомнома амал мекунад, аз як тараф ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ИНШООТСОЗ М» (минбаъд Иҷрокунанда) дар шахсияти Директор Мусозода М.К., ки дар асоси Оинома амал мекунад, аз тарафи дигар (дар якҷоягӣ "Тарафҳо") номида мешаванд, бо риояи талаботи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи мазкурро бо шартҳои зерин ба имзо расониданд:

1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1. Тибқи шартҳои шартномаи мазкур, Иҷрокунанда уҳдадор аст, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти Фармоишгар корҳои зеринро ба анҷом расонад аз он ҷумла: Хизматрасони барои корҳои лоиҳакашӣ, топографӣ-геодезӣ ва геологӣ барои сохтмони бинои раёсати Вазорати молияи дар ноҳияи Дарвоз ҳаҷм ва нархи муайянгардидаи Харҷнома, ки тибқи Замимаи №1 тасдиқ шудааст, қисми ҷудонашавандаи шартномаи мазкур мебошад, анҷом диҳад ва Фармоишгар дар навбати худ кори иҷрошударо тибқи тартиб, қабул ва маблағи онро пардохт намояд.
1.2. Иҷрокунанда кафолат медиҳад, ки зимни иҷрои кори лоиҳакашӣ ба иваз кардани ҷузъҳу томҳои он пурра ва бе хатоги иҷро намояд. Ҳангоми истифодаи онҳо муайян гардидани хатогиҳои лоиҳа аз ҷониби Иҷрокунанда ислоҳ карда ба Фармоишгар пешниҳод менамояд.
1.3.Иҷрокунанда кафолат медиҳад, ки сифати иҷрои кори лоиҳа-харҷномаи истифодашаванда ба талабот ва меъёрҳои дахлдор ҷавобгӯ мебошад.
1.4. Рамзи мушаххаси харид №527909

2. НАРХИ ШАРТНОМА

2.1. Нархи умумии шартнома 89840 сомонию 60 дирамро ташкил медиҳад.
2.2.Нархи умумии шартнома инҳоро дар бар мегирад: Ҳамаи хароҷотҳои пардохтҳои давлатӣ, тибқи харҷнома замимаи №1: аз ҷумла пардохти андозҳо, корҳои лоиҳакашӣ, топографӣ-геодезӣ ва геологӣ ва ғ.

3. МУҲЛАТИ ИҶРОИ КОР

3.1. Муҳлати иҷрои корҳои лоиҳкаши тибқи шартнома бо шартҳои зерин то 31 марти соли 2025 муқаррар карда мешавад:

4. ПАРДОХТ

4.1. Пардохти маблаг тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби Иҷрокунанда, ки дар шартномаи мазкур нишон дода шудааст, тибқи шарт ва муҳлатҳои зерин анҷом дода мешавад: 80% баъд аз анҷоми кор дар асоси санади қабули дар давоми 5 рузи тақвими амалӣ карда мешавад.
4.2. Пешпардохт 20%-и маблаги шартнома мебошад, ки паз аз ба имзорасони ҷиҳати харидори намудани молҳои зарури пардохт карда мешавад.

5. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

5.1. Фармоишгар ҳуқуқ дорад:
5.1.1. Аз Иҷрокунанда иҷрои саривақтии уҳдадориҳоеро, ки тибқи шартномаи мазкур вогузор карда шудааст, талаб намояд.
5.1.2. Назорат ва санҷиши ҷараёни кор, сифат ва риояи мӯҳлати иҷрои корҳои лоиҳакашии Иҷрокунандаро анҷом диҳад, вале ба фаъолияти хоҷагидории Иҷрокунанда дахолат накунад.
5.1.3. Қабули корро дар мавриди доштани эътироз нисбати ҳаҷм, сифат ва хусусиятҳои дигари кор рад намояд.
5.1.4. Дар ҳолати аз ҷониби Иҷрокунанда ба таври дахлдор иҷро нагардидани уҳдадориҳое, ки шартномаи мазкур вогузор карда шудааст, нисбаташ чораҳои пешбининамудаи банди 8.4 шартномаи мазкурро татбиқ намояд.
5.1.5. Назорат ва санҷиши ҷараёни иҷрои корро амалӣ намояд, ҳолатҳои риоя накардани шартҳои шартнома, ки метавонад боиси паст шудани сифати кор гардад ё дигар камбудиҳо,

Иҷрокунандаро вазифадор менамояд, ки камбудиҳоро саривақт ва бо сифат бартарф намояд.

5.1.6. Назорати рафти иҷрои шартҳои шартномаро таъмин намуда, дар ҳолати аз ҷониби Иҷрокунанда ба таври дахлдор иҷро нагардидани уҳдадориҳое, ки тибқи шартнома вогузор карда шудааст, метавонад шартномаро яктараф бекор намуда, зарари расонидашударо тибқи тартиб аз Иҷрокунанда талаб намояд.

5.2. Фармоишгар уҳдадор аст:

5.2.1. Иҷрокунандаро ҷиҳати омодагӣ ба оғози кори сохтмон огоҳ намуда, барои ба истифода додани корҳои лоиҳакаши-харҷномавӣ, топографӣ-геодезӣ ва геологӣ, ки ба Иҷрокунанда тибқи тартиби муқарраршуда шароити фароҳам оварад.

5.2.3. Барои қабули кор тибқи тартиби муқарраршуда шахси ваколатдор ё комиссияи дахлдор ташкил намояд. Кори иҷро намударо тибқи тартиб қабул намуда онро ба расмият медарорад.

5.2.4. Арзиши корро тибқи банди 2.1 муқаррар карда шудааст, бо дарназардошти бандҳои 4.1., 4.2. ва 5.2.3. шартномаи мазкур пардохт намояд.

5.3. Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад:

5.3.1. Пардохти маблағи иҷрои корҳои анҷомдодашударо тибқи шартнома ва муҳлат, ки дар банди 4.1 шартнома пешбинишудааст, аз Фармоишгар талаб намояд.

5.3.2. Аз Фармоишгар талаб намояд, ки корҳои лоиҳакаширо тибқи тартиб қабул намояд.

5.3.3. Иҷрокунанда дар ҳолати зарури метавонад танҳо бо розигии хаттии Фармоишгар зериҷрокунандаро барои иҷрои қисми кори дар шартнома пешбинишуда ҷалб намояд.

5.4. Иҷрокунанда уҳдадор аст:

5.4.1. Корҳои лоиҳакаширо тибқи шартҳои шартнома пурра ва бо сифат дар муҳлати муқаррарнамудаи банди 3.1 шартнома анҷом диҳад.

5.4.2. Мутобиқати корҳои лоиҳакаши, бояд ҷавобгу ба талаботи меъёрҳои дахлдор ва бо сифат амалӣ карда шавад.

5.4.3. Дархости Фармоишгарро дар хусуси огоҳсозии он ҷиҳати омодагии Иҷрокунанда ба оғози кор қонеъ намояд.

5.4.4 Эътирози Фармоишгар оид ба корҳои лоиҳакаши ва хусусиятҳои дигари корро баррасӣ намуда, дар асоси дастури Фармоишгар нуқсонҳои ошкоргардидаи лоиҳа ё қисми дигари онро аз ҳисоби худ дар муҳлати аз ҷониби Фармоишгар муқаррар шудааст, бартараф намояд.

5.4.5. Мутобиқи дархост Фармоишгар вобаста ба рафти иҷрои уҳдадориҳои худ аз рӯи шартномаи мазкур ва мушкилоту монеаҳои ҷойдошта огоҳ намуда, намояндагони ваколатдори Фармоишгар ба корҳои лоиҳакашии худ, ки ба иҷрои уҳдадориҳои Фармоишгар алоқаманданд, бидуни дахолати Фармоишгар ба фаъолияти хоҷагидории худ, роҳ диҳад.

5.4.6. Дар ҳолати зарурат тариқи дархост ё маълумоти дахлдор оид ба лоиҳаи таҳвилшаванда ба Фармоишгар барои истифодабари саривақт пешниҳод менамояд.

5.4.7. Андозҳо ва пардохтҳои дигари ҳатмиро, ки аз иҷрои шартнома бар меоянд, саривақт пардохт намояд.

6. ИҶРОИ КОРҲОИ ИЛОВАГӢ

6.1. Иҷрокунанда дар рафти иҷрои корҳо муайя намояд, ки зарурати корҳои иловагӣ ҷой дорад, ки дар ҳуҷҷатҳои супориши меъморию лоиҳавӣ ва харҷномавӣ зикр нагардидааст, бояд дар ин хусус фавран ба Фармоишгар маълумот диҳад.

6.2. Иҷрокунанда дар сурати нагирифтани ҷавоби Фармоишгар, вазифадор аст корҳои дахлдорро боздошта, дастури Фармоишгарро оид ба масъалаи марбута интизор шавад.

7. СУПУРДАН ВА ҚАБУЛИ КОР

7.1. Фармоишгар маълумоти Иҷрокунандаро дар мавриди омодагӣ барои супурдани корҳои лоиҳакаши, ки тибқи шартҳои шартнома ба анҷом расонида шудааст ё марҳилаи корҳои дар давраи шартнома муқаррар гардидааст, вазифадор мешавад, ки чораҳи дахлдорро оид ба қабули он амалӣ намояд.

7.2. Аз ҷониби Иҷрокунанда супурдани кор ва қабули он аз ҷониби Фармоишгар бо санади супоридан ва қабули кор бо гузоштани имзои тарафҳо ба расмият дароварда мешавад.

7.3. Иҷрокунанда уҳдадор аст, ки камбудиҳои ҷойдоштаро дар муҳлати на дертар аз 7 рузи корӣ аз ҳисоби худ бартараф намояд.

8. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

8.1. Масъулият барои саривқт ва бо сифат анҷом додани корҳои лоиҳакашӣ-харҷномавӣ ба зиммаи Иҷрокунанда мебошад.

8.2. Таваккали тасодуфан несту нобуд гардидан ё осеб дидани лоиҳа-харҷнома, ки асоси шартномаро ташкил медиҳад, то лаҳзаи аз ҷониби Фармоишгар қабул гардидани корҳо ба зиммаи Иҷрокунанда мебошад.

8.3. Иҷрокунанда барои риоя накардани шартҳои шартнома ва ба талаботи пешбининамудаи кодекси шаҳрсози ва меъёру қоидаҳои лоиҳакашӣ дар назди Фармоишгар ҷавобгар мебошад.

8.4. Иҷрокунанда барои иҷро накардани уҳдадори ё дар муҳлати шартнома иҷро нагардидани кор ба Фармоишгар барои ҳар рузи ба таъхир гузоштани муҳлат ба андозаи 0,01% аз арзиши маблаҳи шартнома ҷарима месупорад.

8.5. Масъулияти Тарафҳо дар ҳолатҳои дигар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

9. ТАРТИБИ ТАНЗИМИ БАҲСҲО

9.1. Ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳсҳо ва ихтилофи назар оид ба иҷрои шартномаи мазкур, Тарафе, ки эътирози Тарафи дигарро қабул намудааст, вазифадор аст, ки онро баррасӣ намуда, ҷавобро дар давоми се рӯзи баъди пешниҳоди эътироз дар шакли хаттӣ ирсол намояд.

9.2. Ҳангоми рад намудани эътироз ё дар давоми муҳлати пешбининамудаи банди 9.1 шартнома пешниҳод накардани ҷавоб, Тарафи манфиатдор ҳуқуқ дорад ба суд муроҷиат намояд.

10. АМАЛ, ТАҒЙИР ВА БЕКОР КАРДАНИ ШАРТНОМА

10.1. Шартнома аз лаҳзаи баимзорасонии он аз ҷониби Тарафҳо мавриди амал қарор дода мешавад.

10.2. Амали шартнома тибқи банди 3.1 муқаррар карда мешавад.

10.3. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шартнома, аз ҷумла тамдиди муҳлати амал, метавонад дар мувофиқа бо Тарафҳо вори карда мешавад.

11. ШАРТҲОИ ДИГАР

11.1. Тарафҳо барои пурра ё қисман иҷро нагардидани уҳдадориҳо дар натиҷаи амали қувваи рафънопазир (форсмажор), ҳолатҳои фавқулодда ва дигар ҳолатҳое, ки бевосита ба иҷрои уҳдадориҳо таъсири манфи расонидаанд, ҷавобгар намебошанд.

11.2. Масъалаҳои дигари дар шартнома дарҷ нагардиданд, мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

12. ЗАМИМАҲО

12.1. Замимаҳои зерин қисми ҷудонашавандаи шартнома мазкур мебошанд:

- Харҷнома замимаи №1

13. СУРОҒАИ ҲУҚУҚӢ ВА СУРАТҲИСОБИ БОНКИИ ТАРАФҲО

Фармоишгар	Иҷрокунанда
Муассисаи давлатии «Раёсати корҳои сохтомону таъмир ва хизматрасониҳо»-и Вазорати молияи ҶТ	Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ИНШООТСОЗ М»
ш. Душанбе, к. Фотеҳ Ниёзи	ш. Душанбе, р-н Фирдавси, Борбад 1
с/ҳ 20204972712010100001	с/ҳ 20202972417000000087
с/к 2240297200002	с/к 20402972958761
РМА 010012258	РМА 030028510
РЯМ 350101800	РЯМ 0310017180
Сарраёсати хазинадории маркази ВМ ҶТ	ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» ш. Душанбе, р-н Фирдавси
Директори МД «РКСТХ»	Директор
_____Муқумов О.Х.	_____Мусозода М.К.